Паёмбари Худо (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) ҷудоӣ миёни сураҳоро намедонист магар дар ҳоле, ки (Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим) нозил мешуд

Аз ибни Аббос (Худованд аз он ду розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбари Худо (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) ҷудоӣ миёни сураҳоро намедонист магар дар ҳоле, ки (Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим) нозил мешуд.
[Саҳеҳ] [رواه أبو داود]

Ибни Аббос (Худованд аз он ду розӣ бод) баён мекунад, ки сураҳои Қуръони карим бар Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) нозил мешуд ва фосила байни сураҳо ва поёни онҳоро намедонист, то инки (Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим) нозил мешуд ва онгоҳ медонист, ки поёни сураи қаблӣ ва оғози сураи нав аст.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/65051